Суратҷаласаи №2 ҷаласаи васеи
кафедраи филологияи араб аз таърихи 15.10.2022

Иштирок доштанд: мудири кафедраи филологияи араб, дотсент Рачабова М.Т., профессорони кафедраи мазкур Сулаймонов С. ва Назарзода С., дотсент Саломов А.Ҷ., муаллимони калон Каримова Д.Б., Илёсов Ф., мудири кафедраи таърихи забон ва типология, дотсент Камолзода Х., профессорони кафедраи мазкур Хочаев Д., Ҳомидов Д., Мухторов З., мудири кафедраи забони тоҷикӣ, дотсент Дӯстзода Ҳ., профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ Мамадназаров А., мудири кафедраи филологияи Эрон, профессор Сафаров У., дотсентони ҳамин кафедра Шодиев Р.А., Абдулаҳадов Ҷ.З., Қосимов Ҷ. ва дигар аъзои кафедра

Рӯзномаи маҷлис:

1.Муҳокимаи рисолаи доктории унвонҷӯи кафедраи филологияи араб, дотсент Исмонов Кароматулло Бадридинович дар мавзуи «Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар пайдоиш ва ташаккули забоншиносии араб» барои дарёфти дарачаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ва 10.02.22 – Забонҳои мамолики хоричии Аврупо, Осиё, Африко, бумиёни Амрико ва Австралия (забони арабӣ) дар маҷлиси васеи кафедрахои филологияи араб ва филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо ва кафедраи таърихи забон ва типологияи факултете филология.

Баромад карданд: Ҷаласаро мудири кафедраи филологияи араб, дотсент Рачабова М.Т. ифтитоҳ намуда, рӯзномаи ҷаласаро ба ҳозирин эълон намуд. Сипас сухан ба унвонҷӯ Исмонов К.Б. дода шуд. Унвонҷӯ муҳимтарин нуктаҳои диссертатсияро баён намуд.

Мубрамияти диссертатсияи мавриди назар, пеш аз ҳама, дар он аст, ки дар забоншиносии тоҷик бори нахуст саҳми донишмандони форсу тоҷик дар инкишофи забоншиносии араб мавриди бахс қарор дода шуда, дар ин замина холигоҳи дар ин самт бударо пур мекунад.

Объекти таҳқиқ забоншиносии араб буда, дар он нақши донишмандони форсу тоҷик дар пайрезӣ ва қонунманднамоии масоили дастурии забони арабӣ ба баррасӣ кашида шудааст.

Асосҳои назарии таҳқиқ осори донишмандони ватаниву хоричӣ оид ба забоншиносии араб буда, хидматҳои мондагори донишмандони форсу тоҷик дар посдории забони арабӣ аз хатогуфторӣ, ибтикору ихтирои онҳоро дар мавриди равишҳои таҳқиқотии забонию фарҳангнигорӣ ва нақши онҳо дар омӯзишу омезиши масъалаҳои забонӣ бо дигар донишҳои сирф арабиву ғайриарабӣ баён гаштааст. Натиҷаи пажуҳиши илмӣ аҳамияти илмию амалӣ дошта, метавонад дар омӯзишу таҳқиқи забоншиносии араб, асолату таъсирпазирии он аз забоншиносиҳои дигар, ҳамзамон, таъсири забоншиносии араб дар ташаккули забоншиносии классикии форсу тоҷик мусоидат намояд.

Навгонии илмии таҳқиқ аз он иборат аст, ки аввалин бор дар арабшиносии тоҷик заминаву ангезаҳои пайдоиши забоншиносии араб; саҳми мардуми форсу тоҷик дар шаклгирии забоншиносии араб нишон дода шудааст; саҳми фарҳангнигорони арабинигори форсу тоҷик дар рушди фарҳангнигории араб ва ибтикори равишҳои гуногуни фарҳангнигории онҳо баррасӣ шудааст. Дар диссертатсия бори нахуст атрофи мактабҳои забоншиносии арабӣ дар сарзаминҳои форсу тоҷикнишин пажуҳиш анҷом шудааст. Ҳамзамон, дар диссертатсия бори аввал ба таври мушаххас атрофи наҳви илмӣ ва наҳви таълимӣ масъалагузорӣ сурат гирифтааст.

Натиҷаҳои амалии рисоларо метавон барои навиштани китобу дастурҳои таълимӣ оид ба таърихи забоншиносии араб ва робитаҳои дуҷонибаи илмии донишмандони форсу тоҷик дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ истифода бурд.

Баъди шарҳи муҳтавои рисола бахши саволу ҷавоб ва муҳокима оғоз гардид. Дар ин бахш профессори кафедраи таърихи забон ва типология Д. Хоҷаев доир ба корҳои аз ҷониби унвонҷӯ анҷомёфта изҳори назар намуда, ҳамчунин, чор савол дод:

- Савол. Мақолаҳои Гиргас, Ахвелидиан, Габучанро ман дар кори шумо надидам?
- Ҷавоб. Мо аз мақолаҳои ин донишмандон истифода кардаем, вале бештар кӯшиш кардаем, ки бевосита аз ҳамон сарчашмаҳои дасти аввал истифода намоем.
- Савол. Оё то Шумо асосгузори забоншиносии араб муайян набуд, ки як банди нуктаҳои муҳимме, ки ба ҳимоя пешиҳод мешавад, ба муайян кардани он бахшидед?

- Ҷавоб. На фақат то пажуҳиши мо, ҳатто баъд аз ин пажуҳиш низ дар баҳси асосгузори забоншиносии араб нуқтаи таммат гузошта намешавад. Зеро марҳилаи аввали бамайдоноии забоншиносии араб ба гунае устуравӣ мебошад. Вале таваҷҷуҳи мо ба ин масъала ба он хотир аст, ки дар саргаҳи забоншиносии араб донишмандони форсу тоҷик, аз қабили Анбасаи Фил, Маймуни Акран, Умар ибни Абуиҳоқ ва дигарон қарор доранд, ки ҳамагӣ аз мардуми форсу тоҷиканд ва ба таъкиди бархе донишмандон, чи гузашта ва чи имрӯз, аз поягузорони забоншиносии араб ба шумор мераванд.

- Савол. Дар кор таъсири забоншиносиҳои дигар миллатро дар пайдоиши забоншиносии араб инкор менамоед, дар ҳоле ки кори Шумо баёнгар саҳми донишмандони форсу тоҷик дар ташаккули ин забоншиносӣ аст?

- Ҷавоб. Аслан, баҳси таъсири забоншиносии Ҳинду Юнон, ибриву сурёнӣ ва форсӣ дар пайдоиши забоншиносии араб зодаи зеҳни шарқшиносон аст. Дар ин таҳқиқ такя ба андешаҳои шарқшиносону донишмандони араб ва таҳлили ривоятҳои мухталиф мо ба хулосае омадем, ки забоншиносии араб сирф зодаи зеҳни арабӣ ва муҳити арабӣ буда, аз ҳама гуна таъсирпазирӣ орӣ мебошад. Вале баёни саҳми донишмандони форсу тоҷик дар ташаккули забоншиносии араб ин ифодагари таъсири забоншиносии форсу тоҷик ба он нест, зеро донишмандони форсу тоҷике, ки дар ташаккули забоншиносии араб, хусусан дар марҳилаи аввали он саҳм доштаанд, ҳама фикру зикрашон арабӣ буд.

- Савол. Тафовути асосии мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа дар чи буд?

- Ҷавоб. Ихтилофи асосии ин ду мактаб дар меъёргузориҳои онҳо мебошад. Чунончи намояндагони мактаби забоншиносии Басра танҳо ҳамон ривоятеро қабул доштанд, ки аз лаҳҷаҳои муайяни аз бегонагон таъсирнапазируфта, ҳамзамон, ҷавобгӯ ба меъёрҳое бошад, ки дар асоси қиёс гузошта буданд. Дар ҳоле намояндагони мактаби забоншиносии Куфа дар қабули ривоятҳо чунин сахтгирӣ наменамуданд ва гуфторе, ки аз араб ривоят шавад, бе ягон меъёргузорӣ қабул менамуданд. Шумораи масъалаҳои ихтилофӣ гуногун аст. Чунончи дар сарчашмаҳо аз 121 то 200 масъалаи ихтилофӣ бо тарҷеҳу тазъифи тарафҳо ёд шудааст.

Сипас н.и.ф., дотсент А.Саломов бо чунин савол муроҷиат намуд.

- Савол. Ҳарчанд бештари донишмандони арабинигори форсу тоҷик дар сарзамину муҳити форсии тоҷикӣ ба сар бурда бошанд ҳам,

вале чаро ҳеҷ яке саъй накард ё ҷуръат накард, то дастури забони форсии тоҷикиро нависад?

- Ҷавоб. Навиштани дастури забон, аслан, дар ҷойе сурат мегирад, ки ниёз бошад. Масалан, ба навиштани дастури форсии тоҷикӣ дар Ҳиндустон таваҷҷуҳ намуданд, чунки дар он ҷо ин ниёз бинобар маҳдудияте, ки буд, ба миён омад. Вале дар Хуросону Мовароуннаҳр чунин ниёз ба назар намерасид. Донишмандони ин сарзамин, бо назардошти забони дин ва илм будани забони арабӣ, ниёзи худро дар омӯзиши он медиданд. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи худро маҳз ба дастури забони арабӣ ва қонуниятҳои он равона мекарданд.

Дар идома д.и.ф., профессор У.Сафаров савол дод.

-Савол: Форсу тоҷик будани донишмандонро чи гуна муайян намудед?

-Ҷавоб: Такя ба сарчашмаҳо ва таъкиди худи донишмандон. Ба ин маъно, ки аз як тараф, худи донишмандон дар осорашон ба форсу тоҷик будани худ ишора ва аз он ифтихор намудаанд, аз тарафи дигар, дар сарчашмаҳо оид ба насаби ин донишмандон маълумоти муфассал оварда шудааст.

- Савол. Мудири кафедраи таърихи забон ва типология Х.Камолзода: Дар бахши дарачаи омӯзиши мавзуъ асарҳои мушаххасеро, ки ба таҳқиқи ин мавзуъ бахшида шудаанд, овардаед. Навгонии кори Шумо дар чи аст?

- Ҷавоб. Бе мубоҳот, ин кор таҳқиқи нав аст. Ҳарчанд дар мавриди забоншиносии араб ва таърихи он таҳқиқоти зиёд сурат гирифта бошад ҳам, вале дар робита ба саҳми донишмандони форсу тоҷик дар ин забоншиносӣ ҳеҷ пажуҳиши бунёдие анҷом нашудааст.

- Савол. Мудири кафедраи филологияи араб, дотсент М.Т.Рачабова. Тафовути масоили матрахшаванда дар мактабҳои забоншиносии Андалусу Миср ва Қайравон аз мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа ва БаҒдод дар чӣ буд? Оё мардуми форсу тоҷик дар мактабҳои забоншиносии Андалусу Миср ва Қайравон саҳм доштанд?

- Ҷавоб. Муносибат ба меъёрҳо ва шоҳидоварӣ аз муҳимтарин тафовути мактабҳои забоншиносии Андалусу Миср ва Қайравон аз мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа ва БаҒдод буд. Масалан, дар мактабҳои баъдии забоншиносии араб аз аҳодиси набавӣ ба унвони яке аз муҳимтарин шавоҳиди наҳвӣ-забоншиносӣ кор мегирифтан, дар ҳоле ки дар мактабҳои сегонаи Басраву Куфа ва БаҒдод аҳодисро ҳамчун далел дар масоили забоншиносӣ намепазируфтанд.

Дар мактабҳои забоншиносии Андалусу Миср ва Қайравон донишмандони форсу тоҷик бисёр ангуштшумор буданд, чаро ки аз асри

III-IV ҳиҷрӣ, аллакай, арабҳо низ ба забоншиносӣ таваҷҷуҳ мекардагӣ шуданд.

Баъди анҷом ёфтани қисмати саволу ҷавоб муҳокимаи диссертатсия оғоз гардид. Диссертатсия аз ҷониби профессорон А.Мамадназаров, С.Назарзода, З.Мухторов, Д.Ҳомидов хонда шуда, ҳар яке дар навбати худ фикру андешаҳои худро дар робита ба диссертатсияи доктории Исмонов К.Б. иброз доштанд.

1.Профессор З.Мухторов таъкид намуд, ки диссертатсия, чи аз нигоҳи илмӣ ва чи аз нигоҳи навишт, бисёр хуб омода гардидааст. Воқеан, аз натиҷаҳо бармеояд, ки меҳнату ранҷи зиёде дар ин ҷо масраф шудааст. Унвонҷӯ бо манбаъҳои гуногун хеле хуб ва мушаххас кор кардаанд. Баррасии саҳми донишмандони форсу тоҷик дар забоншиносии араб барои миллати мо хеле зарур аст.

Пешниҳоду эродҳо:

1. Беҳтар аст, агар ба ҷойи пайдоиш ва ташаккул, ки дар номи кор омадааст, ташаккул ва таҳаввул истифода шавад, зеро аввал ташаккул ёфта, сипас таҳаввул кардааст;
2. Номи боби аввал низ беҳтар аст ба гунаи «Заминаҳои таърихии забоншиносии араб» оварда шавад. Боби савум низ номаш ихтисор ва ба шакли “Мактабҳои забоншиносии араб ва машҳуртарин намояндагони форсу тоҷики он” оварда шавад, ба назар беҳтар менамояд. Дар номи фасли чорум ба ҷойи калимаҳои роҳкироҳо ва ибтикорот танҳо калимаи ибтикор истифода шавад, кофӣ мебошад;
3. Дар мақсади таҳқиқ дар баробари овардани хидматҳои мондагор боз муайян кардани нақшу мақом ва хидматҳо оварда шавад, беҳтар мебуд;
4. Дар баъзе саҳифаҳо иқтибос зиёд оварда шудааст, камтар ихтисор кардан ба манфиати кор аст;
5. Хулосаи диссертатсия хеле муфассал аст, кӯтоҳ кардан даркор. Ба фикрам, агар 10 саҳифа бошад, кофист;

Дар идома профессор З.Мухторов иброз дошт, ки бисёр чизҳое, ки ман дар ин диссертатсия хондам, бароям ҷолиб ва нав буд, барои худ қайд карда гирифтам. Кор анҷомёфта буда, мешавад онро ба марҳилаи баъдӣ тавсия кард.

2. Профессор А.Мамадназаров арзиши диссертатсияро мусбат арзёбӣ намуда, ҳамзамон, иброз дошт, ки аллакай дар мавриди тағйири номи диссертатсияву унвони бобҳо ишора шуд ва хуб мешуд унвонҷӯ рақамгузории бобу фаслҳоро якхела меовард, яъне якеро бо римиву дигареро бо арабӣ не.

Мавсуф таъкид намуд, ки аз ҳама бештар диккати маро боби дувум ҷалб кард, зеро ин ба ихтисоси ман наздиктар аст. Даврабандии таърихнигории фарҳангнигории араб ва принсипҳои фарҳангнигорӣ хуб таҳлилу таҳқиқ шудааст, ки бисёр ҷолиб аст. Воқеан, ин барои ман чизи нав буд ва яке аз дастовардҳои илмӣ ба шумор меравад. Хуб мешуд, агар унвонҷӯ хулоса ва феҳристи адабиётро бознигарӣ намояд. Хулоса, диссертатсия кори анҷомёфта мебошад, аз ин рӯ, онро бо назардошти ислоҳи эродҳо ба марҳилаи баъдӣ тавсия медихам.

3. Профессор Д.Ҳомидов низ арзиши диссертатсияро мусбат арзёбӣ карда, таъкид намуд, ки агар ин корро хуб таҳлилу баррасӣ намояд, дар забоншиносии умумӣ як саҳифаи нав пайдо мешавад. Ҳамчунин, андешаҳояшро атрофи беҳбудии диссертатсия пешниҳодҳо намуд:

1. Номи диссертатсия бознигарӣ ва тағйир дода шавад, зеро саҳми донишмандони форсу тоҷик дар пайдоиши он не, балки дар ташаккули забоншиносии араб дида мешавад;

2.Мушаххас намудани замон дар таҳқиқ. Масалан, агар асрҳои IX-XV гирифта шавад, ба назар хуб мерасад;

3.Мушаххас нишон додани сарчашмаҳо;

4. Иқтибос агар камтару таҳлил бештар оварда шавад, арзиши кор баландтар мешавад;

5.Ихтисори хулоса низ барои беҳбудии кор мебошад.

6.Номи бархе бобу фаслҳо, аз ҷумла боби 5-ро тағйир додан лозим аст.

Дар охир профессор Д.Ҳомидов бо андешаҳои дигар мукарризон розӣ буданашонро эълон дошта, бо назардошти ислоҳи эродҳо корро ба марҳилаи баъдӣ тавсия намуд.

4.Профессор С.Назарзода баромад карда, корро анҷомёфта ва дастоварде дар забоншиносӣ шуморид. Ҳамзамон, барои беҳтар шудани кор чанд эроду пешниҳод ироа намуд:

1.Овардани номи донишмандон, махсусан донишмандони юнонӣ ҳамгунсозӣ шавад;

2.Иқтибос аз осори нависандагону олимон кам карда шавад;

3.Аз овардани вожаҳои душворфаҳми арабӣ, махсусан ҷамъбандии онҳо, андак худдорӣ шавад.

Мавсуф корро анҷомёфта шуморида, таъкид намуд, ки ин кор аз лиҳози моҳияти илмӣ пажуҳиши нави илмӣ мебошад. Аз ин рӯ, бо назардошти ислоҳи эродҳо ва ба инобат гирифтани пешниҳодҳо тавсия додани онро ба марҳилаи баъдӣ тавсия намуд.

Баъди анҷоми фикру андешаҳои донишмандоне, ки диссертатсияро мутолиа кардаанд, навбат ба устодоне дода шуд, ки фишурдаи диссертатсияро хондаанд.

1.Профессор У.Сафаров, ки фишурдаи корро хондааст, иброз дошт, ки муҳаққиқ кори арзишмандеро ба анҷом расонидааст. Вале дар баробари муваффақиятхо бархе камбудиҳо, хусусан дар забони ин таҳқиқ ба назар мерасад. Аз ҷумла:

1.Забони ин таҳқиқ бисёр истеҳкомёфтаву мунсаҷим аст, вале ҷо-ҷо қолабҳо чеҳраи фиребанда доранд. Вақте онро ба такрор мехонӣ, дармеёбӣ, ки дар он як норасоӣ ҳаст. Ин нуктаҳоро дар ҳошияи фишурда ишора кардаам, муҳаққиқ метавонад онҳоро ислоҳ намояд;

2.Мубрамияти мавзуъро бо иқтибос сар намудан писандида нест. Хуб мешуд, муҳаққиқ дар ин ҷо андешаҳои худро меовард;

3.Бархе ибораву таъбирҳое, аз қабили «ба тасвир кашидан», «аҳамияти волои илмӣ доштан» ва ғ. дар фишурда омадааст, ки бадеияташон аз илмият бештар аст. Инҳоро бояд ба гунаи дигар ифода кард;

4.Дар бахши навгониҳо ва вазифаҳои таҳқиқ низ бояд бандҳо аз нав ҷобаҷогузорӣ карда шаванд.

Хулоса, бо назардошти ислоҳи ин эродҳо корро мешавад ба марҳилаи баъдӣ пешниҳод намуд.

2.Профессор Д.Хоҷаев нахуст барои чунин дастовард муҳаққиқ ва мушовири илмиро табрик гуфт. Мавсуф иброз дошт, ки фишурда бо забони хуб, босаводона ва ҳадафманд таҳия шудааст. Барои боз ҳам беҳтар шудани он баъзе эроду пешниҳодҳо манзур намуд.

1. Номи диссертатсия ба шакли «Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар шаклгирӣ ва инкишофи забоншиносии араб» ё ба гунаи «Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар ташаккул ва татаввури забоншиносии араб» оварда шавад;

2.Ғалатҳои имлоиву услубӣ дар ҳошияи фишурда қайд карда шудааст, ки унвонҷӯ метавонад онро ислоҳ кунад;

3.Бархе асарҳои шарқшиносону донишмандони рус, аз қабили В.Ф. Гиргас, Г.М. Габучан, В.Г. Ахвледиани, В.В.Виноградов дар фишурда овардан лозим. Инчунин, асари «Эҳсо-ул-улум»-и Абунасри Форобӣ, ки илмҳоро тасниф ва забоншиносиро таъриф додааст, дар таҳқиқ бояд оварда шавад;

4. Аҳамияти назариявии таҳқиқ низ ба бознигарӣ ниёз дорад;

5. Ихтисор намудани хулоса, ки бисёр васеъ аст, зарур мебошад.

Хулоса, фишурда ба меъёри таҳияи фишурдаи рисолаи докторӣ ҷавобгӯ буда, баъди ислоҳ ба марҳилаи баъдӣ тавсия мешавад.

3.Дотсент Камолзода Хуршед андешаҳои худро атрофи фишурда иброз дошта, аз ҷумла таъкид кард, кор анҷомёфта аст, вале дар он баъзе камбуду костагиҳо дида мешавад.

1.Забони фишурда ифодаву иборахои ғайриилмӣ дорад. Аз ин рӯ, таҳрири он тавсия дода мешавад

2. Хулоса дар 15 саҳифа бисёр зиёд аст, онро кӯтоҳ кардан зарур аст.

Бо назардошти ислоҳи эродҳо корро метавон ба марҳилаи баъдӣ тавсия намуд.

4. Дотсент Дӯстзода Ҳамрохон таъкид намуд, ки фишурда хуб ва мувофиқи талабот таҳия шудааст. Инчунин, мавсуф пешниҳод намуд:

1.Дар муқаддима ба ҷойи калимаи таҳқиқот калимаи таҳқиқ истифода шавад;

2.Қисмати мубрамии мавзуъ муфассал буда, дар он иқтибоси зиёд оварда шудааст. Ихтисор карда шавад, бехтар аст;

3.Дар фишурда баъзе ҷумлаҳои ислоҳталаб аст, ки дар ҳошияи фишурда ба онҳо ишора шудааст.

Бо ислоҳи эродҳои зикршуда метавон диссертатсияро ба зинаҳои минбаъда тавсия намуд.

5.Достент Саломов Аскар иброз дошт, ки ин таҳқиқ сафҳаи наверо дар арабшиносии тоҷик мекушояд. Барои беҳбуди кор пешниҳод намуд:

1.Бахше, ки дар он сухан аз мактабҳои забоншиносии араб дар Хуросону Мовароуннаҳр меравад, васеътар карда шавад;

2.Дар бораи дастурҳои таълимии «Миат-ул-омил», «Занҷонӣ» ва дигар китобҳое, ки дар ҳавзаҳои илмии мардуми форсу тоҷик тадрис мешуд, агар муҳаққи маълумоти бештаре дар фишурда меовард, арзиши илмии он баландтар мегашт.

Кор бо назардошти ислоҳи эродҳо ба зинаи баъдӣ тавсия карда мешавад.

Дар охир мушовири илмӣ, доктори илми филологияи, профессор С.Сулаймонов аз арзиши илмии диссертатсия сухан гуфта, тавсияи онро ба марҳилаи баъдӣ таъкид намуд.

Баъди натиҷагирӣ аз қисмати муҳокимаи диссертатсияи доктории Исмонов Кароматулло Бадридинович бо назардошти фикру андешаҳои баёнгардида қарори ҷаласа ба тасвиб расид.

Қарор карда шуд:

1.Диссертатсияи доктории унвонҷӯ Исмонов Кароматулло Бадридинович дар мавзуи «Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар пайдоиш ва ташаккули забоншиносии араб» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.02.01 – Забони

тоҷикӣ ва 10.02.22 – Забонҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони арабӣ) кори анҷомёфта ҳисобида шавад;

2.Бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта диссертатсия ба Шурои дифоъ пешниҳод шавад.

Мудири кафедраи филологияи араб,
номзади илми филология,
дотсент — Рачабова Марҳабо Тӯхтасуновна

тел.: (+992) 987509968
E-mail: rajabova.marhabo@mail.ru

Мудири кафедраи филологияи Эрон,
доктори илми филология,
профессор — Сафаров Умархоҷа
тел.: (+992) 985786711
E-mail: umar_safar@mail.ru

Мудири кафедраи таърихи забон ва типология,
номзади илми филология,
дотсент — Камолзода Хуршед
тел.: (+992) 907724706
E-mail: khkamolov@gmail.com

Котиби илмӣ: номзади илми филология,
муаллими калон — Каримова Дилором Баҳромовна

тел.: (+992) 987262598

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: Тел.: (+992-37) 2217711 Факс: (+992-37) 2214884
E-mail: info@tnu.tjint.re@gmail.com http://www.tnu.tj

Имзои М.Т.Рачабова, У.Сафаров, Х.Камолзода ва Д.Б.Каримоваро
«Тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Э.Ш.Тавқиев
19.10.2022